## ТАҚРИЗИ

**ба автореферати диссертатсияи Азамзода Акмал Азам дар мавзуи “Хусусиятҳои истифодаи техникаи криминалистикӣ аз ҷониби муфаттишони прокуратура дар раванди тафтиши ҷиноят: проблемаҳои назариявӣ ва амалӣ” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.12 – Криминалистика; фаъолияти судӣ-экспертӣ; фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ**

Тафтиши ҷиноят ва истифодаи техникаи криминалистикӣ яке аз унсурҳои асосӣ ва стратегӣ дар низоми илми криминалистика мебошад. Самаранокии тафтиши ҷиноят мустақиман ба қобилияти муфаттишон вобаста аст, ки сабабҳои содиршавии ҷиноятро бо усулҳои илмӣ таҳлил намуда, далелҳои кофӣ ва асоснок ҷамъоварӣ кунанд. Дар шароити муосир, рушди илми криминалистика ва истифодаи воситаҳои техникии замонавӣ имкон медиҳанд, ки тафтиши ҷиноят бо дақиқии баланд ва бо риояи меъёрҳои ҳуқуқӣ анҷом дода шаванд, ки ин ба таъмини адолат ва ҳифзи ҳуқуқи шаҳрвандон таъсири мусби дорад.

Бо вуҷуди аҳамияти калидӣ ва нақши ҷиддӣ дар равандҳои тафтиши ҷиноят, истифодаи техникаи криминалистикӣ ба мушкилот ва маҳдудиятҳои ҷиддӣ рӯбарӯ мебошад. Аз ҷумла, номуайянӣ дар меъёрҳои истифода, маҳдудияти таҷҳизот ва барномасозӣ, камбуди малака ва таҷрибаи муфаттишон ва зарурати риояи қатъии қонун метавонанд самаранокии тафтишро коҳиш диҳанд. Ин ҳолат нишон медиҳад, ки барои баланд бардоштани сифати тафтиши ҷиноят ва таъмини адолат дар амал, зарур аст, ки малакаи касбӣ таҳким дода шуда, таҷҳизоти замонавӣ ҷорӣ ва стандартҳои меъёрӣ–ҳуқуқӣ татбиқ гарданд.

Аз ин нуқтаи назар, таҳқиқи масъалаҳои тафтиши ҷиноят ва истифодаи техникаи криминалистикӣ дорои аҳамияти назаррас дар илми ҳуқуқшиносӣ ва амнияти ҷамъиятӣ мебошад ва ба таҳияи стратегияҳои муосири пешгирӣ ва ошкор намудани ҷиноятҳо такони илмӣ мебахшад.

Диссертанд дуруст зикр мекунад, ки рушди воситаҳои техникӣ ва технологияи алоқаи фосилавӣ, имконият медиҳад, ки меъёрҳои мурофиавӣ ва имкониятҳои истифодаи онҳоро такмил дода методологияи истифодаи оноҳоро

дар илми криминалистика коркард карда шавад. Масалан, таҷҳизоти аудио-видеоқабулкунӣ метавонад дар ҳавопаймоҳои бесарнишин (дрон), дар муҳити заминӣ, рӯизаминӣ ва зериобӣ насб карда шавад, ки вазифаи робитаи фосилавиро иҷро мекунанд. Ҳамчун намуна, ин техника метавонад барои ҷустуҷӯи осори ҷиноят, предметҳои моддии ҷиноят ва тафтишу таҳқиқи онҳо дар минтақаҳои душворгузар, ба мисоли кӯҳҳо, дар водиҳо ва дигар минтақаҳои душворгузар истифода шавад. Дар айни замон, иштирокчиёни чунин таҳқиқот, ки бо якдигар дар масофаи дур ҷойгиранд, метавонанд ҳамкории устувори мурофиавиро бо мутахассисони идоракунанда ва дастгоҳҳои алоқаи фосилавии самаранок нигоҳ доранд.

Таҳқиқоти илмии Азамзода Акмал Азам, ки ба мавзӯи "Хусусиятҳои истифодаи техникаи криминалистикӣ аз ҷониби муфаттишони прокуратура дар раванди тафтиши ҷиноят: проблемаҳои назариявӣ ва амалӣ" бахшида шудааст, бори аввал дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва фазои баъдишуравӣ ба таври мукаммал мавриди омӯзиш қарор гирифтааст. Ин тадқиқот барои рушди илми криминалистика аҳамияти назариявӣ ва амалӣ дошта, заминаи таҳияи стратегияҳои муосири пешгирӣ ва ошкор намудани ҷиноятҳоро фароҳам меорад.

**Бо вуҷуди баҳои мусбии кор** дар диссертатсия баъзе масъалаҳои норавшан ба назар мерасанд, масалан дар автореферати диссертатсия мисолҳои равшан аз амалияи истифодабарии техникаи криминалистикӣ дар раванди тафтиши ҷиноятҳо аз ҷониби муфаттишони прокуратура нишон дода нашудааст.

Эроде, ки қайд шудаанд, дар умум ҳангоми баҳодиҳии мусбати таҳқиқоти диссертатсионӣ нақши муайнкунандаро намебозанд.

Таҳқиқоти илмии Азамзода Акмал Азам таҳти унвони "Хусусиятҳои истифодаи техникаи криминалистикӣ аз ҷониби муфаттишони прокуратура дар раванди тафтиши ҷиноят: проблемаҳои назариявӣ ва амалӣ" ба ҳадафи дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ равона гардида, ба ихтисоси 12.00.12 – Криминалистика, фаъолияти судӣ-экспертӣ ва фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ мансуб мебошад. Диссертатсия дар доираи талаботи банди 31, 33, 34 ва 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии

Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 ва бо тағйиру иловаҳои 26 июли соли 2023, №295 тасдиқ шудааст, таҳия гардида, пурра мутобиқати ҳуқуқӣ ва меъёрии талаботи академиро доро аст.

**Муқарриз:**

**доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ,**
**профессори кафедраи ҳуқуқи судӣ**
**ва назорати прокурории факултети**
**ҳуқуқшиносии ДМТ** **Абдуллозода П.С**

Имзоҳои Абдуллозода П.С.-ро
ТАСДИҚ МЕКУНАМ:
Сардори Раёсати кадрҳо ва
корҳои махсуси ДМТ Шодихонзода Э.Ш.
03.11.25

Суроға: хиёбони Рӯдаки17, Душанбе 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон
Сомона: http://tnu.tj
Телефон: +992-37-221-62-25; +992-37-227-15-10
Факс: +992-37-227-15-10